# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи диссертатсияи Каримов Бахтиёр Музафарович «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 - Эпидемиология**

Системаи ҷоғу рӯй системаи мураккаби комплекси биомеханикӣ аст, ки ичро намудани як қатор функсияҳо, аз ҷумла, протсесси хойишро таъмин мекунад. Омӯзиши иртиботи мутақобилаи зуҳуроти клиникии узвҳои ковокии даҳон вобаста аз ҳолати узвҳо ва системаҳои дарунӣ ба қатори проблемаҳои нисбатан мубрами стоматологияи муосир ва дар маҷмӯъ тиб дохил мешаванд.

Бемориҳои системавии соматикӣ ва бемориҳои сироятӣ яке аз омилҳои хатари бемориҳои стоматологӣ ҳисобида мешаванд. Муҳиммияти ин далел на танҳо аз зарурати ба ҳисоб гирифтани таъсири бемориҳои системавӣ дар чараёни ташхис иборат аст. Барои табиб-стоматолог ҳамкорӣ бо интернистҳо дар ҳолатҳои ҷудогона метавонад имконият диҳад, ки осебҳои узвҳои ковокии даҳон, ки ба усулҳои оддии табобат резистентнокӣ нишон медиҳанд, бомуваффақият бартараф карда шаванд.

Нигоҳ накарда ба интихоби васеи воситаҳои дар фаъолияти амалии клиникӣ истифодашаванда, табобати пародонтологӣ дар беморони гирифтори бемориҳои соматикӣ на ҳамеша самаранок аст, бо маълумоти адабиёти илмӣ бештари вақтҳо ба ремиссияи ноустувор ва ретсидиви беморӣ оварда мерасонад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант Каримов Б.М. ба як қатор масъалаҳои калидии осебҳои муштараки узвҳои ковокии даҳон ва узвҳои дарунӣ бахшида шудааст.проблемаи актуалии

Дар таҳқиқот омилҳои бартаридоштаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштӣ ҳангоми вазнинихои гуногуни бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори бемориҳои умумисоматикӣ муқаррар карда шудаанд, ки таъсиррасонии муносиби табобатӣ- профилактикиро муайян мекунанд. Ин хеле

муҳим аст, зеро табобати оптималии пародонтологӣ пайдошавӣ ва пешравии чараёни илтиҳобиро дар бофтаҳои пародонт бартараф мекунад, ба организми бемор дар маҷмӯъ таъсири хуб боқӣ мегузорад. Дар табобати комплексии бемории пародонт ва пардаи луобии ковокии даҳон аз бисёр ҷиҳатҳо аз ҳамкориҳои саривақтии табиби стоматолог бо интернистҳо вобаста аст.

Дар автореферати (фишурдаи) диссертатсия муаллиф симптомокомплексҳои стоматологии шаклҳои протсессҳои патологиро дар узвҳо ва бофтаҳои ковокии даҳон бо назардошти қонунмандиҳои эпидемиологӣ-клиникии онҳо таҳлил кардааст.

Дар ашхоси дорои заминаи нохуби соматикӣ омилҳои хатар муқаррар карда шуданд, ки эҳтимоли пайдо шудани протсессҳои патологиро дар узвҳои ковокии даҳон барои алгоритмизатсияи табобат ва профилактикаи бемориҳои стоматологӣ зиёд мекунанд.

Маълумотҳои ҳосилшударо баҳогузорӣ намуда, зикр бояд кард, ки натиҷаҳои таҳқиқоти стоматологӣ барои равиши тафриқавии банақшагирӣ ва ташкили комплекси аисоматикӣ асос мешаванд.

Ҳамин гунна таҳлили статуси стоматологӣ ва скрининги клиникӣ-эпидемиологии баҳогузории статуси стоматологӣ имконият медиҳад, ки оид ба такмили ташкили қабули стоматологияи муолиҷавӣ барои беморони соматикӣ бо бемориҳои стоматологӣ пешниҳодҳои мушаххас таҳия карда шавад. Маълумотҳои ба дастовардаи мувллиф барои ташкил ва банақшагирии ёрии комплексии стоматологӣ дар беморони дорои анамнези вазнинкунанда бешубҳа диққатҷалбкунадаан.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло зикршуда, проблемаи баррасишуда барои омӯзиши сохтори бемориҳои асосии стоматологӣ ва ҳолати беҳдоштии ковокии даҳон дар динамика дар заминаи бемориҳои музмии узвҳо ва системаҳои дарунӣ, бешубҳа, актуалӣ мебошад.

Аҳамияти таҳқиқоти ба нақша гирифташуда аз он иборат мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти Каримов Б.М. имконият доданд, ки омилҳои бартаридоштаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва беҳдоштӣ ҳангоми бемориҳои узвҳои ковокии

даҳон ва самтҳои таъсиррасонии тиббӣ-профилактӣ ба протсессҳои патологӣ дар бофтаҳои дандонҳо ва пародонт ҳангоми ихтилолҳои системавӣ муайян карда шаванд. Муаллифи рисола таҳқиқоти муҳимми илмиро анҷом додааст, ки дар натиҷаи он ҳаллу фасли нави проблемаи илмии актуалӣ пешниҳод карда шудааст.

Автореферат моҳият ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад, ба қадри кофӣ тасвирҳо дорад, дорои миқдори зарурии ҷадвал ва расмҳо аст. Бо забони фасеҳи илмӣ таълиф шудааст, нуқтаҳои илмӣ пайдарпайии мантиқӣ доранд. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ асноканд, мухтасар баён шудаанд, мушаххас ва хуб далелнок шудаанд, ва ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд. Усулҳои интихобшудаи таҳқиқоти илмӣ муосир буда, имконият додаанд, ки натиҷаҳои илмӣ ба даст оварда ва асоснок карда шаванд.

Сатҳи назариявӣ ва амалии таҳқиқоти анҷом додашуда, усулҳои муосири таҳқиқотро донистани муаллиф, таҳлил карда тавонистани сарчашмаҳои иттилооти илмӣ, пешниҳо кардан, асоснок намудан ва санҷидани гипотезаҳои илмӣ, бешубҳа, баланд аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Каримов Б.М. дар мавзӯи: «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ», таҳқиқоти мустақилона ва илмӣ-квалификатсионӣ буда, самтҳои нави ҳаллу фасл кардани омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикро пешниҳод мекунад ва ба талаботи КОА-и ҶТ назди Президенти ҶТ, ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти унвони илмӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Б.М. аз лиҳози мубрамӣ, навгонӣ, ҳаҷм ва сатҳи таҳқиқоти гузаронидашуда, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ва равишҳои методолгӣ ба

талаботи бандҳои 3, п. 31, 34 «Тартиби додани унвони илмӣ» ба диссертатсияҳои номзадӣ равонашуда, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои сарфароз шудан ба унвони илмӣ сазовор аст.

**Ассистенти кафедраи стоматологияи муолиҷавии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломӣ дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», доктори илмҳои тиб** **Муллоҷонов Г.Э.**

РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН ЧАСТНАЯ СТОМАТОЛОГИЧЕСКАЯ КЛИНИКА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. КЛИНИКАИ ДАХОНИИЗИШКИ "SMILE" TAJIKISTAN. PRIVATE DENTIST CLINIC

**Маълумот барои тамос:**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, МДТ
«Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломӣ дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон»,
**Суроға:** 734026, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 59
Тел.: +992 (37) 221025-46; +992 (37) 221-53-51
e-mail: info@ipovszrt.tj
Веб-сайт: http://www.ipovszrt.tj

ПОДПИСЬ Муллоджонова Г.Э.
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
"05" 09 2022